“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
Гулназарзода Ж. Б. ________________
“ 19 ” ________ 06 ________ соли 2025

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Қамчибекзода Гулнора Эшон дар мавзуи «Маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсияи Қамчибекзода Гулнора Эшон дар бораи «Маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила» ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пурра мутобиқ мебошад. Муҳтаво ва равиши таҳқиқот низ ҷавобгӯи талабот ва меъёрҳои муайяннамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Бояд зикр кард, ки таҳқиқот дар доираи шиносномаи ихтисоси мазкур тамоми унсурҳои зарурии назариявӣ ва амалӣ, аз ҷумла, методологияи таҳлил ва таҳқиқоти муқоисавиро фаро гирифтааст. Диссертант дар кори илмии худ ба баррасии васеи адабиёти назариявӣ ва таърихӣ пардохта, асосҳои назариявии мавзуъро ҳамаҷониба тавзеҳ додааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таҳаввул ва дигаргуниҳои дар ҷомеа бавуҷудоянда ба дараҷаи маърифат ва сатҳи ҷаҳонбинии тамоми қишрҳои иҷтимоӣ таъсир мегузорад. Аз таҳқиқоти бадастомадаи солҳои охир мушоҳида мешавад, ки вобаста ба шароити иҷтимоӣ маърифат ва неруи зеҳнии аҳли ҷомеа тағйир меёбад. Асоси ин таҳаввулот таҳти

таъсири ташаккул ва рушди падидаҳои мусбат дар низоми маориф сурат мегирад, ки бо гузашти вақт таъсири он ба оила низ ба мушоҳида мерасад. Василаи беҳтари такондиҳанда дар ин самт дастгирии ҷавонони фаъол ва боло бурдани сатҳи иҷтимоиву иқтисодии кормандони соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Ба вежа, баланд бардоштани маърифати оиладорӣ дар дараҷаи аввал меистад. Вобаста ба ин, унвонҷӯ Қамчибекзода Г.Э. қайд мекунад, ки ташаккули оила бидуни волидони бомаърифат ғайриимкон аст ва мусаллам аст, ки тарбияи волидони бомаърифат тавассути мактабу маориф амалӣ мегардад. Воситаи дигар- тарбияи ташаккули оилаи солим, якдигарфаҳмии волидону омӯзгорон, қобилияти баланди волидону омӯзгорон ва маҳорату малакаи онҳо дар раванди ташаккули оила хеле муҳим мебошад. Ин раванд водор мекунад, ки насли оянда, ба вежа волидони оянда, масъулиятшинос ва бомаърифат бошанд, то фарзандони солиму хушахлоқ тарбия намоянд.

Зикр кардан бо маврид аст, ки дар корҳои тарбиявӣ низ, новобаста ба он, ки таҷрибаи зиёди илмию педагогӣ ва амалӣ андӯхта шудааст, низоми комили тарбия, равия ва барномаҳо мавҷуданд. Ҳар як оила, ҳар як иштирокчии раванди тарбия метавонад роҳу равиши хос, низоми махсуси худро дошта бошад. Падару модарон вазифаҳои гуногуни тарбиявиро иҷро мекунанд ва ин ба нақшҳои иҷтимоии онҳо вобаста аст. Инкишофи ҳисси ахлоқии кӯдак ва он нақшҳои иҷтимоию оилавие, ки дар давоми ҳаёт дар оила рух медиҳанд, қабл аз ҳама, мутааллиқи масъулияти модар мебошад, ки ин масъала аз нигоҳи психологӣ-педагогӣ мубрамии мавзуи диссертатсияи мазкурро муайян кардааст.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда аз ҷиҳати методологӣ илман асоснок буда, бори аввал ҷанбаҳои амалии масъалаи маърифатии педагогию психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонанда дар оила мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Диссертатсия дар асоси омӯзиши таҳқиқотҳои педагогҳои шинохтаи кишвар рӯйи кор омадааст.

Унвонҷӯ барои дар амал татбиқ намудани фарзияи таҳқиқот кӯшиши зиёд ба харҷ додааст. Пешниҳод шудааст, ки агар воситаҳои педагогии ташаккули маърифати педагогию психологии волидон дар ҷараёни таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила истифода шаванд, он гоҳ маърифати педагогию психологӣ боло меравад аз ҷумла:

- волидон бо донишҳои психологияи педагогӣ таъмин шуда, метавонанд фарзандонро дуруст тарбия намуда, ба рушди шахсият ва рафтору хислатҳои онҳо мусоидат кунанд;

- нуқсонҳо дар раванди таълим ва тарбияи фарзандон бартараф шуда, дар натиҷа ба рушди шахсият ва тарзи рафтори кӯдакон таъсири мусбат мегузорад;

- низоъҳои оилавӣ кам ба назар мерасад;

- муносибатҳои байниоилавӣ беҳтар шуда, ба рушди шахсият ва хислатҳои кӯдакон кӯмак мерасонанд;

- истифодаи технологияи муосири педагогӣ ва психологии волидон, ки бо анъанаҳои миллӣ дар таълим ва тарбияи фарзандон омезиш ёфтааст, ҳамкории оила ва муассисаҳои таълимиро тақвият мебахшад.

Ҷараёни ташкилу гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ба унвонҷӯ имконият додааст, ки фарзияи таҳқиқотро бо боварӣ амалӣ намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда а**з он бар меояд, ки ҳадафи кори диссертатсионӣ аз ҷиҳати назариявӣ омӯхтан ва ба таври амалӣ муайян намудани маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила ба шумор меравад. Барои ноил шудан ба ин мақсад унвонҷӯ вазифаҳои таҳқиқотро муайян намудааст, ки ҳалли онҳо

ба коркарди навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намудаанд.

Натиҷаҳои назаррасе, ки моҳияти навгонии илмии таҳкиқоти диссертатсиониро ифода мекунанд, инҳо ба шумор мераванд:

– технологияи муосири педагогӣ ва психологии волидон барои тарбияи оила, дар асоси анъанаҳои миллӣ таҳия шудааст, ки имкон медиҳад тарбия ва таълим дар оила ба арзишҳои фарҳангӣ ва суннатҳои миллат эҳтиром гузошта, ҳамзамон муассир ва самаранок бошад;

– бо мақсади ошкор кардани маърифати педагогӣ ва психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълим ва тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила, пурсишнома ва нақшаи суҳбати педагогӣ бо хонандагон тартиб дода шудааст, ки барои беҳтар кардани ҳамкории оила ва мактаб кӯмак мерасонад;

– мутобиқ намудани пурсишномаи педагогӣ, яъне “хусусиятҳои тарбияи оилавӣ”, “дараҷаи маҳорати коммуникативии волидон”, “хусусиятҳои муошírати волидон ба кӯдакон” бо дарназардошти талаботи методҳои сотсиологии мутобиқ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– самаранокии истифодаи технологияҳои нави маърифати педагогӣ бо мақсади баланд бардоштани маърифати педагогӣ ва психологии волидон дар муассисаҳои барои таҷрибагузорӣ пешбинигардида пайгирӣ карда шуд, ки натиҷаҳои он ба беҳтар кардани раванди тарбияи фарзандон ва таҳкими ҳамкории оилавӣ ва муассисаҳои таълимӣ мусоидат мекунад;

– барномаи маърифати педагогӣ ва психологии волидон барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия карда шудааст, ки мақсади он баланд бардоштани дониш ва малакаҳои педагогӣ ва психологии волидон барои беҳтар кардани раванди тарбияи фарзандон мебошад;

– модели маърифати педагогӣ ва психологии волидон, ҳамчун омили самарабахши таълим ва тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила, таҳия, илман асоснок ва ба амал ҷорӣ карда шудааст, ки натиҷаи он

самаранокии тарбияи кӯдакон ва ҳамкории оила ва муассисаҳои таълимӣ беҳтар мегардад;

– маърифати педагогӣ ва психологии волидон, ҳамчун омили самарабахши таълим ва тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила, анъанаҳои миллӣ дар тарбияи оилавӣ, маълумотнокии волидон ва ҳамкории мактаб бо оила муайян карда шудаанд, ки барои таҳкими раванди таълим ва тарбия ва ба даст овардани натиҷаҳои мусбӣ кӯмак мерасонанд. Ин омилҳо имкон медиҳанд, ки тарбия дар оила ва мактаб ҳамоҳанг ва пурқувват шавад, ва дар натиҷа фарзандон дар муҳити муассир ва мувофиқ бо фарҳанг ва арзишҳои миллӣ рушд кунанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои дисертатсия** аз он иборат аст, ки шароитҳои психологӣ-педагогии пешниҳодшуда, маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила, маводи ташхисии таҳияшуда ва тавсияҳои методиро омӯзгорон дар ҷараёни таълиму тарбияи муассисаи таҳсилоти мактабӣ истифода бурда метавонанд. Маводи таҳқиқотро ҳангоми ташкили курсҳои махсус барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба сифати боб ё фасли барномаҳои таълимиву китобҳои дарсии самти ихтисоси педагогию психологӣ ҳангоми гузаронидани ҷаласаҳои падару модарон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, конференсия, тренинг ва ғайра истифода бурдан мумкин аст. Ҳамзамон, натиҷаҳои тадқиқот ба баланд бардоштани сифати таълим, рушди шахсият ва беҳтар шудани равобити иҷтимоӣ дар ҷомеа мусоидат мекунанд, ки дар ниҳоят ба ташаккули ҷомеаи муваффақ ва устувор бо насли солим ва маърифатнок оварда мерасонад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқро муаллиф ба воситаи асосҳои назариявию методологӣ дар диссертатсияи худ асоснок намудааст. Диссертант тавониста, ки дар таҳқиқоти худ миқдори зарурии адабиёти илмии ба мавзуъ дахлдорро истифода намояд.

Инчунин, хулосаҳои муаллиф дар заминаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуъ ва таҳлили низоми соҳаи маориф дар замони муосир ба даст омада, натиҷагирӣ шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаб аз муайян кардани мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, фарзия ва масъалаҳои таҳқиқот ва матраҳ сохтани масъалаҳои мубрами таҳқикот, таҳлилу баррасии иттилооти бадастовардашуда, иборат мебошад. Таҳлили назариявию методологӣ, таҳқиқи амалӣ ва санҷидани фарзияи гузошташуда, коркарди пешниҳод ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро тартиб медиҳанд, маҳз натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муаллифи рисола маҳсуб меёбанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Баъзе фаслҳо ва бобҳои алоҳидаи таҳқиқоти мазкур дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, инчунин, дар маҷмуаи мақолаҳои конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр гардидаанд. Шумораи умумии ин мақолаҳо ба 18 мерасад, ки аз ҷумла 7-тои онҳо дар дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандае ба табъ расидаанд, ки дар рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисолаи илмӣ аз муқаддима, 3 боб, 6 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. **Дар муқаддима** аҳаммият ва мубрамияти мавзуи диссертатсия, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин аҳаммияти назариявию амалии он, баргузории марҳилаҳои таҳқикот ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар пойгоҳҳои таҳқиқотӣ баррасӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия - **«Асосҳои назариявии маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила»** аз се фасл ва хулоса иборат буда, дар он усулҳои муосир оид ба масъалаи маърифати

педагогӣ - психологии волидон бо дарназардошти анъанаҳои миллии тарбияи оилавии тоҷикон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар раванди шиносоӣ бо таҳқиқоти диссертатсия маълум гардид, ки унвонҷӯ Камчибекзода Г.Э. бо адабиёти илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот хеле зиёд кор кардааст. Аз ҷумла, диссертант ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватаниро оиди маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила истифода бурдааст.

Унвонҷӯ қайд намудааст, ки дар ҳар давру замон барои рушду такомули ҷомеаи бофарҳангу дорои маданияти баланд омилҳои таъсиргузорро муайян мекунанд ва вобаста ба ин чараёнҳо ва ё бо ибораи дигар, роҳёфтҳои ба қисмҳо ҷудо шуда, андешаҳои худро нисбати ин маъалаҳо баён мекунанд ва ҳамзамон, аввалиндарача низ мешуморанд. Ба ин маъно, як гурӯҳи олимону донишмандон барои баланд бардоштани дараҷаи дониши волидон ва ҷиҳати хабардоркунии онҳо аз донишҳои педагогию психологӣ, ки дар таълиму тарбияи фарзанд ва рушди шахсияти онҳо нақши муайнеро соҳибанд, онро муҳим арзёбӣ мекунанд. Дар ин мавридд бо усулҳои ҷадиди ҳамкории миёни мактаб ва оила онро роҳандозӣ гардонида, натиҷаи фаъолияти илмию амалии донишмандони соҳа дар солҳои охир арзёбӣ мегардад.Унвонҷӯ қайд кардааст, ки аз муносибати кӯдакон бештар ба калонсолон вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ волидон, пеш аз ҳама, бояд муносибати худро нисбати тарбияи фарзандашон дуруст ба роҳ монанд. Муносибати нодуруст метавонад дар рафтор, гуфтори фарзандон монеа эҷод кунад. Волидон бояд хушгуфтор, хушрафтор ва барои фарзандашон як идеали воқеӣ бошанд. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки ҳангоми баррасии ин масъала аз ду ҷанбаи асосиро бояд ба назар гирифт: якум - ин ё он хусусиятҳои шахсиро метавон ҳамчун натиҷаи азхуднамоии намоиши рафторҳои волидон дида баромад; натиҷаи таъсири байниҳамдигарии волидонро бо кӯдак ва усули тарбияи онҳоро мушоҳида намуд.

Боби дуюми диссертатсия **«Истифодаи технологияи нави фаъолгардонии равобити оила ва муассисаи таълимӣ ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила»** номгузорӣ шуда, дар он вазъи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба маърифати педагогӣ – психологии волидон дар шароити муосир баррасӣ шудааст. Ҳар як муассиса ин омилҳоро вобаста ба меъёрҳои худ истифода мебарад. Ҳангоми ҷорӣ намудани фаъолияти нави таълим бояд волидон ба ин раванди нави таълимӣ шинос бошанд. Барои беҳтар шудани вазъи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, қонунҳо, дастурҳо ва талабот қабул карда шуданд. Ҳар як қонун аз омӯзгорону волидон талаботи навро тақозо мекунад. Ҳангоми риоя накардани ин қонунҳо мувофиқи Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазо дода мешавад. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд конференсияҳо ва ҷаласаҳо дар байни волидону хонандагон ташкил намоянд. Ҳангоми баргузор гардидани ин ҷаласаҳо моҳияти ҳар як ҷузиёти қонунҳо ба волидон муҳокима карда мешавад. Замони муосир, замони татбиқи техникаю технология буда, аз ҳар як фарди ҷомеа тақозо менамояд, ки тартиб ва истифодаи дурусти технологияи иттилоотию коммуникатсиониро ба роҳ монда тавонад.

Дар раванди таҳқиқ диссертант Қамчибекзода Г.Э. муайян кардааст, ки татбиқи вазифаҳо, ки ба рушди маҳорати иртиботии хонандагони синни хурд равона шудаанд, талаб мекунад, ки шароити махсуси равонӣ - педагогӣ фароҳам оварда шавад. Ин шароитҳо ба кушодани потенсиали ҳар як кӯдак мусоидат намуда, ташаккули эътимод ба кувваҳои худ ва ҳавасмандии фаъол дар раванди таълимро дастгирӣ мекунанд. Ворид намудани шароити равонӣ-педагогӣ ба амалияи таълимӣ бо истифода аз усулҳои инноватсионии таълим ва технологияҳое алоқаманд аст, ки ба иштироки фаъолонаи хонандагон дар раванди таълим ва ҳамкорӣ бо омӯзгор ва волидон мусоидат менамоянд. Ба андешаи унвонҷӯ, яке аз роҳҳои баланд бардоштани

маърифати педагогӣ- психологии волидон ин худомӯзӣ мебошад. Волидон бояд аз болои худ кор кунанд.

Унвонҷӯ Қамчибекзода Г.Э. барои муайян намудани роҳҳои баланд бардоштани маърифати педагогӣ – психологии волидон бо фарзандон, методикаҳои зеринро истифода намудааст: «Хусусиятҳои тарбиявии оила», «Маҳорати коммуникативии волидон» ва «Хусусиятҳои муоширати волидон бо кӯдакон».

Унвонҷӯ Қамчибекзода Г.Э. қайд намуда, ки дар ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ робитаи байни волидон - омӯзгор - хонанда басо муҳим аст, зеро ин робита мушкилиҳои муносибатро танзим менамояд. Таълим дар мактаб натанҳо гирифтани дониш, инчунин, ташаккули шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта мебошад. Муваффақияти раванди таълиму тарбия аз он иборат аст, ки чӣ тавр муносибатҳо дар байни омӯзгор - волидон - хонанда ба роҳ монда мешаванд.

Диссертант қайд намуда, ки падару модарро мебояд, дар тарбияи фарзанд ҳисси баланди масъулият нишон дода, ба тарбияи ақлонӣ, инкишофи зеҳнии фарзанд аҳаммияти ҷиддӣ диҳанд. Гузаштагон гуфтаанд, ки мероси падар на танҳо дар молу мулк аст, балки тарбияи фарзанди солеҳу соҳибмаърифат мебошад, ки ҳамеша номи неки онҳоро нигоҳ медорад. Дар воқеъ, миллати соҳибтамаддуни мо ба фарзанд рафтору одоби намунавӣ омӯхта, дар азбарнамоии илму дониш ва пайи ҳунаре шудани фарзанд кӯшиш менамуданд.

Дар қисмати озмоишии кор, яъне дар боби сеюми диссертатсия, ки **«Кори таҷрибавӣ-экспериментали бо волидон дар асоси татбиқи технологияи нави маърифати психологӣ – педагогии волидон»** номгузорӣ шудааст, диссертант бо мақсади омӯзиш ва ошкор намудани маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №100, 70, 10, 94, 86-и шаҳри Душанбе ва

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 14, 12, 32, 42,55 – ноҳияи Лахш, ки дар маҷмуъ 243 нафарро ташкил медоданд, озмоиш гузаронидааст. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқот дар 60 нафар волидон унвонҷӯ муайян намудааст, ки тақрибан 75% иштироккунандагон оилаи ҷавон мебошанд ва аз он шаҳодат медиҳад, ки дар таҳқиқ сатҳи волидони ҷавон аз волидони миёнсол бештар мебошад.

Унвонҷӯ дар ин марҳила иброз доштааст, ки волидоне, ки дар онҳо қобилияти когнитивӣ зиёд бошад, ҳамон қадар сатҳи маърифатии онҳо баланд аст ва волидоне, ки қобилияти оператсиониро доранд, дар онҳо ташаккули маҳоратҳои гуногун мушоҳида мешавад. Волидоне, ки қобилияти коммуникативиро доранд, дар онҳо қобилияти таҳлили ахбор зиёд дида мешавад ва волидоне, ки қобилияти рефлексивӣ доранд, дар онҳо маҳорати таҳлил кардани рафтор ва баҳогузорӣ мушоҳида карда мешавад. Аз ин лиҳоз, бояд ҳар як омӯзгор ва волидайн ин ҷанбаҳоро дар худ ташаккул диҳанд ва дар ҷараёни таълиму тарбия самаранок истифода бурда тавонанд.

Дар ин боб унвонҷӯ Қамчибекзода Г.Э. қайд менамояд, ки таълим дар мактаб натанҳо гирифтани дониш, балки ташаккул додани шахсияти ҳамаҷониба инкишофёфта мебошад. Муваффақияти раванди таълиму тарбия аз он иборат аст, ки чӣ тавр муносибатҳо дар байни омӯзгор – волидон – хонанда ба роҳ монда мешавад.

Ба андешаи унвонҷӯ, падару модарро зарур аст, ки муҳити солим ва дастгирикунанда барои фарзандон фароҳам оварад, дар тарбияи фарзанд ҳисси баланди масъулият нишон дода, ба тарбияи ақлонӣ, инкишофи зеҳнии фарзанд аҳаммияти ҷиддӣ диҳанд. Волидон, пеш аз ҳама, бояд ба инкишофи руҳии фарзандон таваҷҷуҳ зоҳир намоянд ва ҳамкории оила ва мактабро ҷоннок намоянд.

Унвонҷӯ ҳангоми гузаронидани таҳқиқот муайян намудааст, ки аксарияти оилаҳои деҳот аз қонунҳои қабулшудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бохабар нестанд.

Дар қисмати хулосавӣ Қамчибекзода Г.Э. қайд менамояд, ки муҳити оилавӣ ва муносибатҳои байни волидон ва фарзандон дар рушди маънавӣ ва ахлоқии кӯдакон нақши муҳим доранд. Оила бояд муҳити солим ва дастгирикунанда барои фарзандон фароҳам оварад. Волидон бояд ба тарбияи ахлоқии фарзандон диққати махсус диҳанд. Ин тарбия дар фарзандон ҷиҳати ташаккул додани арзишҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ ёрӣ расонида, барои ба воя расидани онҳо ҳамчун шаҳрвандони масъул хизмат мекунанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ.** Диссертатсия ва автореферати он мутобиқ ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати дисертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27- уми декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмӣ-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ навишта шуда, тартиби таҳия, ҷӯбаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ ба пуррагӣ риоя гардидааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман, ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Автореферати диссертатсия фарогири мазмуни асосии диссертатсия буда, тибқи талаботи мавҷуда омода карда шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Фаъолияти илмӣ ва омӯзгории муаллиф ба ихтисоси илмиаш мувофиқат менамояд. Мақолаҳои нашрнамудаи ӯ ба ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошад. Қамчибекзода Г.Э. дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ

иштирок намуда, вобаста ба мавзуи диссертатсия маъруза хондааст. Бо назардошти гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки тахассуси илмии диссертант ба дараҷаи илмии дарёфтшаванда мувофиқ мебошад.

**Эродҳо ба таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии Қамчибекзода Г.Э. дар қатори муваффақиятҳо баъзе масъалаҳои баҳснок ҷой доранд, ки онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

1. Дар диссертатсия ба мафҳуми "маърифати педагогии волидон" таваҷҷуҳи зиёд шудааст, вале тавсия мешавад, ки мафҳумҳои махсуси педагогикаи оилавӣ ва таъсири онҳо ба рафтори кӯдакон аниқтар ва муфассал таҳлил шаванд. Маърифати педагогии волидон на танҳо шомили донишҳои умумии педагогикӣ мебошад, балки ин дониш бояд дар доираи амалии ҳар як оила ва ҳолати фарди кӯдак иҷро шавад.

2. Дар диссертатсия ба накши ҳамкории волидон ва омӯзгорон дар ташаккули маърифати педагогии кӯдакон кам таваҷҷуҳ дода шудааст. Як нуқтаи муҳим, ки бояд ба он бештар диққат дода шавад, ин аст, ки чӣ гуна волидон ва омӯзгорон метавонанд ҳамкории самарабахшро барои ба самар расонидани раванди таълим ва тарбия ташкил кунанд.

3. Маърифати педагогӣ ва психологӣ, ки дар диссертатсия таъриф ёфтааст, каме умумӣ ба назар мерасад. Беҳтар мешуд, агар дар таҳқиқот ба равандҳои амалӣ ва психологӣ дар муносибатҳои оилавӣ, махсусан, дар баробари кӯдакони синфҳои ибтидоӣ, таваҷҷуҳ ва амалишавӣ бештар шеваҳои муфассал ва мушаххас роҳандозӣ шавад.

4. Дар диссертатсияи мазкур аз асарҳои илмии олимони хориҷию ватанӣ истифода шудааст, вале агар диссертант аз корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ бештар истифода мебурд, кори диссертатсионӣ боз ҳам диққатҷалбкунанда мешуд.

Камбудиҳои зикргардида ба арзиши баланди илмии таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ намерасонанд. Баръакс, онҳо характери

тавсиявӣ дошта, дар оянда барои беҳтар гардидани сифати диссертатсия кумак мерасонанд.

Дар маҷмуъ таҳқиқоти диссертатсионии Қамчибекзода Гулнора Эшон дар мавзуи «Маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила» кори таҳқиқотии нав, навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан кам таҳқиқшуда ва мубрами маърифати педагогӣ-психологии волидон ба шумор рафта, ба талаботи пешбининамудаи бандҳои дахлдори «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76 – 79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Нарзуллоев Ҳ.С. мураттаб гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Қамчибекзода Гулнора Эшон иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода 10 нафар устодону омӯзгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 10 нафар, бетараф - нест, муқобил - нест. Қарор дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода аз 17.06.2025, №11 қабул гардидааст.

**Раиси ҷаласа:**

номзади илмҳои педагогӣ,
мудири кафедраи педагогикаи
умумидонишгоҳӣ Нарзуллоев Ҳ.С.

**Эксперт:**

номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи
педагогикаи умумидонишгоҳӣ Шарифов М.Ғ.

**Котиби ҷаласа:** Нураҳмадзода Д.

Имзоҳои Нарзуллоев Ҳ.С., Шарифов М.Ғ. ва Д. Нураҳмадзодаро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

**Нишонии муассиса:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6;
Тел: +992 (37) 2 32 50 00, 2 32 87 30, 2 32 50 05;
E-mail: ddzt.tj